**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ иҷтимоии Тоҷикистон
__________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
«26» ___11___ 2020, № ___

# НИЗОМНОМАИ ШУРОИ КУРАТОРОНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

**Душанбе - 2020**

Wondershare PDFelement

Wondershare
PDFelement

# НИЗОМНОМАИ

**Шурои кураторони Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҶумҳурииТоҷикистон», Оинномаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон", «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва тиб таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.1.Раиси Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"аз ҷумлаи омӯзгорони ботаҷриба, номзад ва докторони илм бо мақсади расонидани ёрии амалӣ ба кураторони гурӯҳҳои академӣ дар ҷодаи таълим ва тарбия намудани мутахассисони соҳибмаълумот таъсис дода шудааст.

1.2.Ба ҳайати Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" муовини ректор оид ба тарбия, муовини декани факултет оид ба корҳои тарбиявӣ, кураторони гурӯҳҳои академӣ, аъзоёни созмонҳои ҷамъиятии омӯзгорон ва донишҷӯён ва донишҷӯёни фаъол шомил мешаванд.

1.3.Раиси Шурои кураторони факултетҳои МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" аз ҳисоби кураторони соҳибтаҷриба, ки дар факултетҳо фаъолият менамояд, таъин карда мешавад.

1.4.Дар сохтори Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" шуъбаҳои гуногуни тарбиявӣ, аз ҷумла, шуъбаи тарбияи ахлоқӣ, шуъбаи тарбияи ҳуқуқӣ, шуъбаи тарбияи эстетикӣ ва ғайра таъсис дода мешавад.

1.5.Фаъолияти Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" тибқи талаботи Низомномаи мазкур ва аз рӯи нақшаи кории Шурои кураторони донишкада ва нақшаи кории шурои кураторони факултетҳои МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ба роҳ монда мешавад.

1.6.Дар факултетҳо аз ҳисоби кураторони гурӯҳҳои академӣ Шурои кураторони факултет таъсис дода шуда, раиси он аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба тъин карда мешавад.

Wondershare
PDFelement

1.7.Ҷаласаи Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”дар як моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷаласаҳои ғайринавбатӣ ва ҷаласаҳои сайёр гузаронидан мумкин аст.

1.8.Доир ба масъалаҳои муҳокима ва баррасишуда, суратмаҷлис таҳия гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад. Суратмаҷлиси шӯроҳои баргузоргардида ва қарорҳои қабулнамудаи он дар ҷузвдони алоҳида нигоҳдорӣ карда шуда, нусхаи он ба таври гузориш ба раиси Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” пешниҳод карда мешавад.

2. **Вазифаҳои Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”**

2.1. Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-талаботи Оинномаи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”-ро дар факултетҳо амалӣ мегардонад;

-барои баланд бардоштани сифати таълим, азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ чораҳои зарурӣ меандешад;

-иштироки фаъолонаи донишҷӯёнро ба машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин менамояд;

-иҷрои тартиботи дохилии донишкада ва Қоидаҳои тартиботи донишҷӯиро назорат мекунад;

-талаботи «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»-ро таъмин менамояд;

–барои ташаккули ахлоқи ҳамида, рушду нумӯи шахсият ва маданияти волои донишҷӯён ба омӯзгорон ёрӣ мерасонад;

–муносибати бовиҷдононаи донишҷӯёнро нисбат ба таҳсил ва касби пешанамудаашон густариш медиҳад;

–таҷрибаи пешқадами кураторони факултетҳоро омӯхта, таҷрибаи беҳтарини онҳоро дар донишкада паҳн менамояд;

–худидоракуниро дар коллективҳои донишҷӯён ва гурӯҳҳои академӣ ташкил менамояд;

–баҳри ташаккул ва мустаҳкам намудани муҳити солими психологӣ ва ахлоқӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад;

–барои ташаккули маданияти ҳуқуқии донишҷӯён кушиш мекунад;

–баҳри инкишофи худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва ифтихори ватандории донишҷӯён чораҳои зарурӣ меандешад.

2.2.Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” усулҳои самараноки корҳои тарбиявиро дар амал татбиқ

Wondershare PDFelement

намуда, оид ба ташкил ва гузаронидани конференсия, семинар, мизи муддавар, дарсҳои кушоди тарбиявӣ, хонишҳои сиёсӣ, олимпиадаҳо, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра саҳм мегузорад. Намудҳои самараноки корҳои тарбиявиро ҷорӣ намуда, мустақилона қарор қабул карда, қобилияти эҷодии донишҷӯёнро густариш мебахшад.

2.3.Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" барои баланд бардоштани сифати таҳсилот бо дигар садорати факултетҳои донишкада ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамкорӣ карда, дар тарбияи мутахассисони варзида саҳмгузор мебошад.

2.4.Шурои кураторони донишкада барои инкишофи фаъолияти касбии мутахассисони ҷавон, дар рӯҳияи волои ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва худогоҳию худшиносии миллӣ, баланд бардоштани малакаи ташкилотчигию фаъолияти илмӣ-озмоишӣ, техникӣ-технологӣ, амалӣ-истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ- сиёсии донишҷӯён масъул мебошад.

### 3.Ҳуқуқҳои Шурои кураторони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"

3.1. Шурои кураторони донишкада ҳуқуқ дорад:

–иштироки донишҷӯёнро ба машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ клиникӣ, токлиникӣ, таҷрибаомӯзӣ ва факултативӣ назорат мекунад;

–риояи Қоидаҳои тартиботи донишҷӯиро зери назорати доимӣ ме гирад;

–иҷрои талаботи «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»-ро мунтазам зери назорат қарор диҳад;

–дар вақти таҳлили давомот ва таҳлили сифати таҳсилот аз маълумоти омории шӯъбаи таълим истифода барад;

–барои беҳтар кардани ҷараёни таълиму тарбия, барои мукофотонидан ва муҷозот додан ба донишҷӯён ба раиси Шурои кураторони факултет ва декани факултет мурожиат намояд;

–иҷрои дастуру супоришҳо ва адабиёти тавсиявии бадеиро, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти донишкадаро, ки барои иҷрои супоишҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) барои ҳар як курс муайян шудааст, дар дарсҳои тарбиявӣ баррасӣ намояд;

–барои беҳтар намудани корҳои таълиму тарбия ба кураторони гурӯҳҳои академӣ, Шурои кураторони факултетҳо ва ба ректори донишкада таклиф пешниҳод намояд;

Wondershare PDFelement

–чараёни баргузории дарсҳои тарбияviро мувофиқи нақшаи тасдиқшуда ба роҳ монад ва иҷрои онрҳоро назорат кунад.

**4.Феҳрасти ҳуҷҷатгузории Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”**

4.1.Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” бояд ҳуҷҷатгузориро аз рӯи феҳрасти зерин тартиб диҳад:

1. Низомномаи Шурои кураторони МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”
   Дастури вазифавии кураторони гурӯҳҳои академӣ
2. Нақшаи кории Шурои кураторони донишкада.
3. Суратмаҷлисҳои Шурои кураторони донишкада;
4. Нақшаи кори Шурои кураторони факултетҳои донишкада;
5. Нақшаи кории кураторони гурӯҳҳои академии донишкада
6. Ҳуҷҷатҳои ирсолшудаи Шурои кураторони донишкада;
7. Ҳуҷҷатҳои воридшуда.

8.Рӯйхати аъзоёни Шурои кураторони гурӯҳ.

Низомнома дар ҷаласаи Раёсати донишкада «16» 11 соли 2020 (суратҷаласаи №3/4) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.

Wondershare PDFelement